# ПРОТОКОЛ

чаласаи ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.

аз 30.06.2015 №9 ш. Душанбе

Раискунанда: Мамадчонов Ю.М. – Директори Институти геология, сохтмони ба заминчунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Чумҳурии Тоҷикистон (Роҳбари гурӯҳ);

Иштирок намуданд: Арипов В.Ҳ. - Муовини Директори КВД «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадкикотӣ ва лоиҳакашию кофтукобӣ»-и Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Гулов Т.Г.- Сардори Раёсати захираҳои оби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон; Иброҳимов Н.- Сармутахассиси Бахши ҳолатҳои фавкулоддаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Точикистон; Саидов М.- Директори Маркази илмию тадкиқотии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Тағойбеков А.- Сардори Маркази яхшиносии Муассисаи давлатии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Тағойбеков Ш.- Сардори Шуъбаи барномаҳои максадноки давлатӣ ва амалӣ гардонидани они Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қурбоналиев Ф.- Сардори Бахши аксбардорӣ-геологии КВ «Экспедитсияи гидрогеологии Ҷанубӣ»-и Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҳакимов Ф.Ф. – ходими калони илмии Институти геология, сохтмони ба заминчунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Камолов Ҷ.Ҷ.- Сардори Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва худуди Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Буриев И.А.- сардори шуъбаи ҳифзи аҳолӣ ва худуди Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва худуди Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Самиев М.Б. - муовини сардори Маркази иттилоотию тахлилии Кумита, Садриддинов А. – афсари калони Раёсати ҳамкориҳои байналмилалӣ, намояндагони Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳида И. Сафаров ва Усмонов И.Ҷ.,

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Баррасии Барномаи Сендай барои солҳои 2015-2030;
2. Баррасии масъалаи Лоиҳаи ACROSS (GFZ,Олмон) оид ба шабакаи сейсмикии заминчунбиҳои шадид ва низоми огоҳкунии пешакӣ дар Осиёи Марказӣ;
3. Татбики методологияи баҳодиҳии таҳдиди хатарҳо;
4. Баррасии масъалаи ворид намудани чорабиниҳои паст кардани хавфи офатҳо ба барномаҳои рушд.

Ҷаласаи ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллиро Мамадҷонов Ю.М. –Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳусни ифтитоҳ бахшида, иштирокчиёни ҷаласаро бо мақсади ҷамъомад шинос намуд.

Аз рӯи масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа Камолов Ҷ. –котиби масъули Платформаи миллӣ дар бораи иштироки Ҳайати Платформаи миллӣ дар Конференсияи сеюми умумиҷаҳонӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ (моҳи марти соли 2015 Сендай, Япония) қайд намуда, доир ба роҳҳои татбиқи Барномаи Сендай барои солҳои 2015-2030 дар Тоҷикистон баромад намуд.

Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа Ҳакимов Ф.Ф. – ходими калони илмии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромад намуда, вобаста ба Лоиҳаи ACROSS (GFZ, Олмон) оид ба шабакаи сейсмикии заминҷунбиҳои шадид ва низоми огоҳкунии пешакӣ дар Осиёи Марказӣ иттилоъ дод.

Аз рӯи масъалаи сеюм ва чоруми рӯзномаи ҷаласа Сафаров И. ва Усмонов И. - намояндагони БР СММ оид ба татбиқи методологияи таҳдиди хатарҳо дар ноҳияҳои пилотӣ ва ворид намудани масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ба барномаҳои рушд ахборот дод.

ДАР МУҲОКИМАҲО ИШТИРОК НАМУДАНД:

Мамадҷонов Ю. М., Қурбоналиев Ф., Камолов Ҷ.Ҷ., Ҳакимов Ф.Ф.

Дар охир, раисикунанда Мамадҷонов Ю.М. – Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи ҳозиринро ба масъалаи баргузории маҷлиси навбатии Платформаи миллӣ ҷалб намуда, ҳайати гурӯҳи экспертиро ҷиҳати омодагӣ ва иштироки фаъолона дар чорабиниҳои Платформаи миллӣ вазифадор намуд.

Баъд аз баромади раисикунанда ва котиботи Платформаи миллӣ ва муҳокимаҳо маҷлис қ а р о р қабул кард:

1. Маълумоти Камолов Ҷ.Ҷ. оид ба татбиқи Барномаи Сендай барои солҳои 2016-2030 ба инобат гирифта шавад;

2. Котиботи Платформаи миллӣ дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди СММ:

– барои ташкил ва баргузории маҷлиси Платформаи миллӣ омодагирӣ намояд;

– барои ташкил ва баргузории семинари омузиши барои мутахассисони вазорату идораҳо ҷиҳати татбиқи Барномаи Сендай барои солҳои 2016-2030 таклифи мувофиқашуда пешниҳод намоянд;

3. Санҷиши коршоямии методологияи баҳодиҳии таҳдиди хатархо дар ноҳияҳои интихобӣ мувофиқи мақсад дониста шуда, ҷиҳати такмили он аз ҷониби гуруҳи корӣ таклифҳои мушаххас ба Барномаи рушди СММ пешниҳод карда шаванд;

4. Лоиҳаи ACROSS (GFZ, Олмон) оид ба шабакаи сейсмикии заминҷунбиҳои шадид ва низоми огоҳкунии пешакӣ дар Осиёи Марказӣ, ки аз ҷониби Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад дониста шуда, барои пешниҳод ба БРСММ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ тавсия дода шавад.

Роҳбари Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ Ю. Мамадҷонов